آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

13 сентябри соли 2023 Чоршанбе

№ 73 (14980)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## СОҲАИ ХОҶАГИДОРИИ РОҲ ДАР АСОСИ УСУЛҲОИ НАВ ИНКИШОФ ХОҲАД ЁФТ

***Президент Шавкат Мирзиёев 12 сентябр доир ба масъалаҳои ислоҳоти низоми хоҷагидории роҳ ҷамъомад баргузор намуд.***

Дар шаш соли охир харҷ барои сохтмон ва таъмир дар мамлакатамон се баробар зиёд гардид. Барои корхонаҳои таркиби Кумитаи оид ба роҳҳои автомобилгард беш аз ду ҳазор воҳиди техникаи махсус харид гардид. Аз ҳисоби ин 65 ҳазор километр роҳ сохта, аз таъмир бароварда шуд.

Соли гузашта лоиҳаи «Роҳи ман» оғоз гардид ва низоми сохтмон ва таъмири роҳҳои дохилӣ дар асоси пешниҳодҳои аҳолӣ ҷорӣ карда шуд. Танҳо соли ҷорӣ барои роҳҳои дохилӣ дар 470 маҳалла 410 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Натиҷаҳои кор оид ба беҳсозии роҳ ба 3,6 миллион нафар тааллуқ гирифт.

Умуман дар 3 ҳазор маҳалла роҳҳо бори аввал асфалтпӯш гардида, роҳҳои хокӣ дар 2 ҳазор маҳалла бо рег пӯшонда шуданд.

Аммо дар соҳа чандин мушкилоти ҳамешагӣ вуҷуд дорад. Яке аз камбудиҳои асосӣ сифати пасти роҳҳои бунёдгарданда мебошанд. Роҳҳои нав зуд хароб мегарданд ва таъмирталаб мешаванд.

Стандартҳои лоиҳакашии роҳ ба такмилдиҳӣ эҳтиёҷ доранд. Барои тамоми намудҳои роҳ, сарфи назар аз андоза ва шароити иқлимии минтақаҳо лоиҳаи қолабии якхела истифода мегардад. Инфрасохтори шафати роҳ ба инобат гирифта намешавад, ки дар натиҷа бисёр объектҳои савдо ва хидматрасонӣ бенизом ҷойгир карда мешаванд.

Боз як сабаби сифати пасти роҳ – назорати сусти роҳ. Талаботи имрӯза нисбати роҳ аз инспектороне техникӣ тақозо менамояд, ки барои омӯзиши ҳуҷҷатҳои пудратчӣ вақти зиёд харҷ намоянд, на барои тафтиши сифати роҳ. Дар сохтмони роҳ танқисии кадрҳои малаканок, ки техникаи замонавиро идора карда тавонанд, ба назар мерасад.

Аз сабаби вуҷуд надоштани низоми автоматии мониторинги роҳ дар бораи сарборӣ маълумоти холис вуҷуд надорад. Дар роҳҳо наклиёти автомобилӣ ҳаракат менамояд, ки вазни меҳвариашон аз иҷозатшуда зиёд мебошад.

Дар ҷамъомад чунин мушкилот таҳлил гардида, чорабиниҳо ва пешниҳодоти нав баррасӣ гардиданд.

– Кори босифат – ин омиле мебошад, ки ба кайфияти одамон ва ба артерияи иқтисодиётамон таъсир мерасонад. Аз ин боис усулҳои навро нисбати сохтмони роҳ татбиқ намуда, сифат баланд бардошта шуда, соҳа рақамӣ карда шуда, сектори хусусӣ бояд васеъ ҷалб гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Вазифаҳои лоиҳакашӣ, сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳои автомобилгард муайян карда шуданд.

Пеш аз ҳама таъкид гардид, ки такмил додани лоиҳакашӣ бояд дар асоси бархурди маҷмӯӣ сурат бигирад. Дар лоиҳа объектҳои хидматрасонии сарироҳӣ дақиқ бояд нишон дода шавад, яъне ҷойгиршавии истгоҳи автомобилӣ, истгоҳҳои сӯзишворирезӣ, объектҳои хӯроккӯрӣ, савдо ва хидмати техникӣ, инчунин қитъаҳои сабз дақиқан нишон дода шавад.

Роҳбари давлат пешниҳодро дар бораи аз усули захиравӣ ба усули ҳаҷмӣ гузаштан дар сохтмони роҳро дастгирӣ намуд. Инчунин таъкид шуд, ки татбиқи стандартҳои Федератсияи байналхалқии муҳандисону мушовирон, ки татбиқи назоратро аз болои тамоми ҷараёнҳо дар сохтмони роҳ аз ҷониби мутахассиссони соҳиби сертификат пешбинӣ менамояд, молики аҳамият аст.

Муайян карда шуд, ки минбаъд маблағи буҷа барои сохтмон ва таъмири роҳҳои дохилӣ танҳо дар доираи барномаи «Роҳи ман» ҷудо карда мешавад.

– Аз ин баъд худи шаҳрвандонамон ҳал мекунанд, ки роҳи дохилӣ дар куҷо сохта шавад ва дар куҷо таъмир гардад. Агар мо чунин кор кунем, дар интихоби лоиҳа ва таъмини сифат шаффофият ба вуҷуд омада, пурра назорати ҷамъиятӣ муқаррар карда мешавад, – гуфт Президент.

Барои ин барнома соли оянда на камтар аз 800 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Тавре ки маълум аст, ҳатто дар мамлакатҳои тараққиёфта сохтмон ва таъмири роҳ нафақат аз ҳисоби давлат ба амал оварда мешавад. Бо вуҷуди он ки дар мамлакатамон пойгоҳи ҳуқуқии шарикии хусусӣ ба вуҷуд оварда шудааст, дар соҳаи роҳсозӣ ин ҷараён суст пеш меравад. Бинобар ин ба ногузирии фаъолона ҷалб намудани шарикони хусусӣ ба лоиҳаҳои роҳсозӣ бо дақиқан муайян намудани шартҳо барои сармоягузорон ва ӯҳдадории давлат ишора гардид.

Инчунин нигоҳдории сифати роҳ муҳим мебошад. Барои мисол, дар мамлакатҳои хориҷӣ дар роҳҳо тарозуҳои назоратӣ гузошта мешаванд, ки вазни автомобилҳои боркашро чен мекунанд. Пешниҳод шуд, ки чунин тарозуҳо дар мамлакатамон дар асоси шарикии хусусӣ гузошта шаванд.

Ғайр аз ин, шуъбаҳои ободонӣ дар шаҳрҳо бо техникаи махсус барои нигоҳдории роҳ ва сабз намудани атрофи онҳо таъмин карда мешаванд.

Ҳоло дар роҳҳо беш аз 2,5 ҳазор камера ва радар гузошта шудааст, ки поймолкунандагони қоидаро муайян мекунанд. Дар маҳалҳои иқоматӣ суръати ҳаракат то 60 километр соат паст карда шудааст. Дар натиҷа миқдори ҳодисаҳои роҳу наклиёт то 30 фоиз кам гардид. Бо назардошти ин аҳамияти идома додани татбиқи васеи низоми идораи «чорроҳаи оқил» ва «чароғаки оқил» таъкид шуд.

Оид ба таҳияи барномаи сесолаи таъмири роҳ ва пулҳо дар ноҳияҳо, беҳсозии таъмини молиявии корхонаҳои роҳ, беҳсозии пойгоҳи моддиву техникии онҳо супоришҳо дода шуд.

Вазифа гузошта шуд, ки лоиҳаи қарор оид ба рушди соҳаи роҳи автомобилгард бо назардошти чораҳои дар ҷамъомад муқарраргардида таҳия карда шавад.

Шахсони масъули соҳа ва роҳбарони минтақаҳо оид ба рӯзномаи маҷлис маълумот доданд.

**ЎзА.**

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

## ДАР БОРАИ СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОН – 2030»

Қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон дар таҳрири нав аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ дар раъйпурсие, ки 30 апрели соли 2023 гузаронида шуд, ба таҳкими асосҳои конститутсионии сохтори Ўзбекистони Нав мусоидат кард.

Интихоботи президентӣ, ки мувофиқи Сарқонуни таҳрири нав баргузор гардид, саводи сиёсии ҷомеаи мо, аз ҷониби халқ пурра дастгирӣ гардидани ислоҳоти татбиқшавандаи сохтори Ўзбекистони Навро намоиш дод.

Баробари ин дар шароити навини конститутсиониву ҳуқуқӣ такмил додани самтҳои асосии рушди мамлакат ва татбиқ сохтани ислоҳоти васеъмиқёс дар давраи нав тақозо мегарданд.

Ба мақсади таъмин сохтани ифодаи иродаи халқи мо оид ба сохтмони Ўзбекистони Нави озоду шукуфон ва нируманд, ба ҳар як шаҳрванд фароҳам овардани тамоми имкониятҳо баҳри рушди иқтидори худ, тарбияи насли солими босаводу аз ҷиҳати маънавӣ пешрафта, ташаккул додани иқтисодиёти муқтадир, ки ҳалқаи муҳими истеҳсолоти ҷаҳонӣ гардидааст, ҳамчунин таъминсозии кафолатноки адолат, волоияти қонун, амният ва эътидол:

**1. Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** мувофиқи замимаи №1, ки дар пояи ҷараёни татбиқсозии Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав таҷриба ва натиҷаҳои муҳокимаи ҷамъиятӣ ҳосил шудааст, тасдиқ карда шавад.

Ба эътибор гирифта шавад, ки Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» **ғояҳои асосии** зеринро инъикос менамояд:

ворид шудан ба сафи давлатҳои **фоидаашон бештар аз даромади миёна** аз тариқи рушди устувори иқтисодӣ;

созмон додани низоми **таълим, тиб** ва **ҳифзи иҷтимоӣ**, ки куллан ба **талаботи халқ ва меъёрҳои байналхалқӣ** мувофиқат мекунанд;

фароҳам овардани **шароити мусоиди экологӣ** барои аҳолӣ;

бунёди давлати **одил ва замонавие**, ки барои халқ хидмат мекунад;

таъминсозии кафолатноки **истиқлол** ва **амнияти** мамлакат.

**2.** Муқаррар карда шавад, ки:

**татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** ва дастовардҳои **нишондиҳандаҳои мақсадноки он** вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти тамоми мақомот ва созмонҳои давлатӣ муайян шудааст, иҷрои онҳо ба зиммаи роҳбарони аввал **ҷавобгарии шахсӣ** мегузорад;

дар доираи **Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** дастоварди тамоми ҳадафҳое, ки рӯзмаррагии худро гум накардаанд, ҳамчунин иҷрои вазифаҳои муҳиме, ки дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав муайян шудаанду татбиқсозиашон идома дорад, таъмин карда мешавад.

**3.** Ҳайати **Комиссияи ҷумҳуриявӣ бинобар татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** (минбаъд Комиссияи ҷумҳуриявӣ) мувофиқи замимаи №2 тасдиқ карда шавад.

Таъмин сохтани вазифаҳои зерин ба зиммаи Комиссияи ҷумҳуриявӣ (А.Арипов) гузошта шавад:

**а**) пурра ба роҳ мондан, сари вақт ва босифат татбиқ намудани **Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»**, ҳамчунин тайёр кардану ҳамоҳанг сохтани иҷрои барномаҳои дахлдори солона бинобар иҷрои он;

**б**) назорати босифат гузаронидани чорабиниҳо бинобар ислоҳот **дар доираи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** дар асоси фикру ташаббусҳое, ки шаҳрвандон баён кардаанд, ба даст овардани нишондиҳандаҳои пешбинишуда, ҳамчунин дар ҳар ним сол ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон пешниҳод намудани маълумот оид ба натиҷаҳо;

**в) дар муҳлати ду моҳ:**

аз ҷиҳати танқидӣ омӯхтани **натиҷаҳои дар маҳалҳо татбиқсозии Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав**;

дар байни аҳолӣ васеъ муҳокима кардани натиҷаҳои татбиқсозии Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав, таҳлили мунтазами таклифҳои шаҳрвандон бинобар масъалаи мазкур;

бинобар натиҷаи омӯзишҳои баргузоршуда ошкор кардани омилҳои мунтазаме, ки ба татбиқсозии ҳадаф ва вазифаҳои дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав муайяншуда монеа мешаванд ва қабул намудани чораҳои мушаххас бинобар аз байн бардоштани онҳо дар доираи иҷрои Стратегияи «Ўзбекистон – 2030».

**4.** Ба Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯрои депутатҳои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд тавсия дода шавад, ки **дар ҳар се моҳ** як бор маълумоти роҳбарони шуъбаҳои ҳудудии вазоратҳо ва идораҳоро бинобар ҷараёни **татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** дар қисмати минтақаҳо шунаванд ва аз ҷиҳати танқидӣ баррасӣ кунанд.

**5. Тартиби назорати** татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва чораҳои амалӣ бобати иҷрои он, комёбиҳои дахлдори нишондиҳандаҳои **мақсаднок** ва коркарди саривақтӣ дар доираи **ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии** онҳо муқаррар карда шавад, ки мувофиқи онҳо:

**а**) Вазорати адлия якҷо бо Палатаи ҳисоб, Маркази «Стратегияи рушд» ва Ҷунбиши умумимиллии «Юксалиш» мониторинги мунтазами татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва чораҳо бинобар иҷрои онро дар солҳои дахлдор назорат мекунад, ҳар моҳ ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ натиҷаҳои мониторингро пешниҳод менамояд;

**б**) Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯрои депутатҳои халқии вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо **дар ҳар се моҳ** дар ҳудуди худ чорабиниҳои назоратиро бобати татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» бинобар солҳои дахлдор дар қисмати минтақаҳо баргузор мекунанд;

**в**) Девони Вазирон муҳокимаи танқидии **ҳармоҳаи** ҷараёни татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»-ро бо иштироки муовинони Сарвазир, баррасии **семоҳаро** дар ҷамъомадҳои ҳукумат таъмин месозад, нисбати аъзои ҳукумат, аз ҷумла вазирон барои сари вақт ва пурра иҷро накардани тадбирҳо чораҳои дахлдор меандешад, ҳамчунин **дар ҳар ним сол** ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис бобати татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ҳисобот пешкаш мекунад.

**6.** Ба Девони Вазирон (А.Арипов) супурда шавад, ки иҷрои корҳои зеринро **дар зарфи як моҳ** таъмин намояд:

қабул кардани қарори Ҳукумат дар бораи **чораҳо бинобар татбиқсозии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» дар солҳои 2023-2024 дар қисмати минтақаҳо**;

муайян намудани вазифаҳои мушаххас дар қисмати соҳа ва самтҳои ба зиммаи муовинони Сарвазир гузошташуда, бо дарназардошти самтҳо ва ҳадафҳои Стратегияи «Ўзбекистон – 2030».

**7.** Ба Вазорати адлия супурда шавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои масъул бобати коркарди **босифат ва саривақтӣ**, мувофиқсозӣ, барои муҳокимаи ҷамъиятӣ паҳн кардани лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар доираи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» кумаки амалӣ расонад.

**8.** Ба Маркази «Стратегияи рушд» супурда шавад, ки ба мақсади муқаррар намудани назорати самарабахши ҷамъиятӣ барои мунтазам, босифат ва сари вақт татбиқ сохтани вазифаҳои ислоҳот таҳти шиори **Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»** – стратегияи халқӣ:

якҷо бо Вазорати технологияҳои рақамӣ **дар муҳлати ду ҳафта** сомонаи онлайнро, ки барои ба сатҳи таъминоти татбиқшавии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030», бо сифат амалӣ гардидани ислоҳоти дар он муайяншуда дар қисмати ҳар як ҳадаф ва нишондиҳандаҳо, ҳамчунин самти фикру ақидаҳои шаҳрвандон ва ташаббусҳои бинобар ин ислоҳот пешниҳоднамудаи онҳо баҳодиҳии аҳолӣ имконият фароҳам меоварад, ба роҳ монад;

натиҷаи баҳоҳо ва фикру мулоҳизаҳои аз аҳолӣ расидаро **ҳар моҳ** умумӣ кунад ва ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод намояд;

якҷо бо Шӯрои ҳамоҳангсозии татбиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувор дар давраи то соли 2030 (Ҷ.Қӯчқоров) низоми якҷо бо ҷомеа баргузор кардани таҳлили ҳарсолаи татбиқшавии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»-ро мувофиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ҷорӣ намояд ва натиҷаҳои онро интишор кунад;

тайёр кардан, **ба забонҳои хориҷӣ интишор намудан ва васеъ паҳн кардани** хулосаҳои иттилоотиву таҳлилии бахшида ба натиҷаи татбиқшавии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва татбиқ намудани чораҳои он бинобар солҳои дахлдорро таъмин намояд.

**9.** Ба Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон ва Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон супурда шавад, ки якҷо бо расонаҳои ахбори оммавӣ мунтазам:

васеъ **шарҳ додани ҳадаф ва вазифаҳои Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»**, ҳамчунин ба ҷомеа маънидод намудани моҳият ва мундариҷаи онро дар расонаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла аз тариқи шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотии Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ;

то ба аҳолӣ расондани **маълумоти воқеӣ ва пурра** дар бораи татбиқсозии чораҳои амалишаванда ва ҳолати муваффақшавӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси мақсаднок дар доираи Стратегияи «Ўзбекистон –2030»-ро таъмин намоянд.

**10.** Ҷавобгарии масъул барои самарабахш ба роҳ мондани иҷрои Фармони мазкур ба **зиммаи роҳбарони вазоратҳо ва идораҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд** гузошта шавад.

Баррасии ҷараёни иҷрои Фармони мазкур дар **ҳар нимсола**, татбиқсозии ҳамоҳангӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи **Комиссияи ҷумҳуриявӣ** гузошта шавад.

Ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи чораҳои татбиқшуда ҳар моҳ маълумот дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*11 сентябри соли 2023.*

**Ҳамзамонони мо**

## СОҲИБКОРИ СОҲИБЭҲТИРОМ

***Дар мамлакати мо солҳои охир соҳибкорӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта мешавад, бинобар ислоҳоти соҳа натиҷаҳои самарабахш ба даст меоянд. Таҳти роҳбарии Сарвари давлат ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, таъмини кафолати ҳуқуқии кори намояндагони соҳа, фаъолияти озоди сармоягузорони хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.***



Соҳибкории хурд ва хусусӣ самти афзалиятноки иқтисодиёти кишварамон муайян шудааст. Дар панҷ соли охир вобаста ба тараққиёти ин соҳа қариб 2 ҳазор қонун, фармон ва қарор қабул карда шуд. Қонунҳое, ки барои соҳибкорон як қатор имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоваранд, онҳоро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҳимояву дастгирӣ мекунанд, ташаккул ва сол то сол такмил меёбанд. Ба корхонаҳои соҳиби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои андоз, гумрук ва ғайра як қатор сабукиҳо ва имтиёзот дода мешаванд.

Дар панҷ соли охир шумораи соҳибкорон қариб 3 баробар афзуд. Бисёре аз онҳо тиҷорати худро дар саросари кишвар васеъ намуда, ҳазорҳо ҷойҳои корӣ таъсис доданд ва ба ширкатҳои бузурги бонуфуз табдил ёфтанд.

– Соҳибкорон дар афзун гардондани иқтидори иқтисодии кишварамон қувваи асосӣ ба ҳисоб мераванд. Обрӯ ва мавқеи онҳо дар ҷомеа рӯз аз рӯз меафзояд, дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ соҳиби мавқеи бузург, дорои обрӯю бренди худ мегарданд. Чунин муносибат нисбат ба соҳибкорон минбаъд низ аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии мо боқӣ хоҳад монд, – таъкид кард Президент дар ҷамъомаде, ки бо соҳибкорон баргузор шуд.

Бо қарори Президент аз 19 августи соли ҷорӣ нишони сарисинагии «Соҳибкори фаъол» таъсис дода шуд, ки як гурӯҳ соҳибкорони фаъолу фидокор дар Рӯзи навтаъсиси соҳибкорон барои саҳми арзандаашон дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, таъмин сохтани некуаҳволии аҳолӣ ва иштироки фаъолашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо ин нишон сарфароз гардонида шуданд.

Дар байни мукофотонидашудагон директори ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «As Group Tex»-и ноҳияи Косонсойи вилояти Наманган Шерзод Шеров низ ҳаст.

Шеров аз соли 2019 ҳамчун директори ширкати мазкур фаъолият дорад. Ширкат ба истеҳсоли 50 навъ дастмоли андозаашон гуногун тахассус дорад. Дар ширкат соли аввали ташкил ёфтанаш 75 нафар кор карда бошад, алҳол сафи онҳо ба 500 нафар расидааст.

Шерзод аз ҷумлаи соҳибкорони соҳибихтисос мебошад, ки барои рушди истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ (дастмолҳои маҳин), ки ба меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ бошанд, талош дорад.

Ӯ нисбат ба худ ва зердастонаш сахтгиру серталаб, қатъиян риоя шудани қоидаю қонунҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни корро тақозо ва мунтазам назорат мекунад, нақшаи кор то 120-130 фоиз иҷро мешавад.

– Корхонаи мо тӯли се соли охир 3,2 миллиард сӯм даромади соф гирифта, ба Русия ва Белоруссия ба маблағи 12 миллиону 257 ҳазор доллар маҳсулот содир намуд, – мегӯяд Шерзод. – Қисми асосии даромади бадастомада барои тавсеа додани фаъолияти ширкат ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ равона шудааст.

Корхона соли 2020 – 254, соли 2021 – 824 метри мураббаъ маҳсулоти нассоҷӣ истеҳсол карда, нақшаи кориро 100 фоиз иҷро намуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# СОҲИБКОРИ СОҲИБЭҲТИРОМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Натиҷаи кордонии сарвари корхона буд, ки солҳои 2020-2022 аз кишварҳои Чину Туркия ба маблағи 1,8 миллион доллар дастгоҳҳои замонавии бофандагӣ харид шуданд ва дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолот хеле афзуд.

Аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот тӯли 3 соли охир дар корхона ҳосилнокии меҳнат 700 фоиз боло рафт.

Имрӯз корхона маҳсулоташро 100 фоиз содир мекунад. Ширкат соли 2022 ба маблағи 4,9 миллион доллар маҳсулот содир кард, ки ин дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ аҳамияти бузург дорад.

Корхона бо маҳсулоти худ солҳои 2019-2022 дар бозорҳои «Туризми роҳи абрешим» ва дар намоишгоҳҳои байналхалқии Тошканд ширкат варзид. Иштирокдори ярмаркаи «Текстиллегпром» дар шаҳри Маскав аст.

Ғайр аз ин, вай ба ҳифзи иҷтимоии коргарон эътибори махсус медиҳад, ба онҳо рӯзе ду маротиба хӯроки бепул дода мешавад.

Тӯли се соли охир он барои зебою обод гардонидани ҳудудҳои ноҳия, ба андозаи беш аз 250 млн. сӯм кумаки васоятгарӣ ҷудо кард.

Сафари Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева ба вилояти Наманган аз шиносоӣ бо фаъолияти ин субъекти соҳибкорӣ оғоз ёфт. Раиси Сенат зимни шиносоӣ бо корхона бо занону духтароне, ки дар он ҷо кор мекунанд, суҳбат кард.

– Ин қабил корхонаҳое, ки занону духтаронро бо кор таъмин мекунад, рӯз аз рӯз зиёд мешаванд. Ин самараи сиёсати оқилонаву халқпарваронаи Сарвари давлат аст, – гуфт Раиси Сенат.

Шерзод барои боз ҳам тараққӣ додани фаъолияти ширкат пайваста саъю кӯшиш мекунад. Ҳамчунин ҳамкасбону ҳамдиёрони худро барои фаъолона иштирок кардан дар ислоҳоти азиме, ки дар мамлакатамон ба амал бароварда мешавад, тарғибу ташвиқ менамояд.

Хонаводаи ӯро аз оилаҳои намунавии ноҳия меҳисобанд. Ҳамаи аъзои оила дар меҳнати бунёдкоронаи мамлакатамон фаъолона иштирок мекунанд. Ӯ ҳамчун роҳбари ташаббускору фаъол дар байни аҳолии ноҳияву вилоят соҳибкори сазовори обрӯю эҳтиром аст.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*



# БУНГОҲИ НАВИ ТИББӢ

***Маълум аст, ки сарвари давлат ҳангоми мулоқоташ бо намояндагони соҳаи тиб 18 марти соли 2022 дар ҳудудҳои аҳолинишине, ки аз марказҳои ноҳия дур воқеъ гардидаанд, ташкил намудани нуқтаҳои тиббиро супориш дода буд. Мувофиқи он дар ҳудудҳои дурдаст нуқтаҳои тиббӣ созмон ёфта, мушкили аҳолиро осон мекунанд.***

Деҳаи Товариёни ноҳияи Ғиждувон аз ҷумлаи ҳамин гуна ҳудудҳост. Ин деҳа 170 хонадон, 222 оила ва қариб 900 нафар аҳолӣ дорад. Мардуми ин ҷо ҳангоми беморӣ маҷбур буданд, ки ё ба поликлиникаи марказии ноҳия раванд, ё ба пункти тиббии оилавии деҳаи «Сарварӣ».

Ба қарибӣ орзуи деринаи онҳо ҷомаи амал пӯшид. Дар маҳалла бунгоҳи тиббӣ ба кор даромад. Дар маросими кушодашавии он роҳбарону мутасаддиёни соҳа, собиқадорони меҳнат, намояндагони ҷамоатҳо ва сокинон иштирок карданд. Онҳо бо шароитҳои фароҳамовардашудаи муолиҷагоҳ аз наздик шинос шуданд. Мӯйсафедон бунёдкорони маскани саломатиро дуои нек карданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# АНҶУМАНИ ДОНИШҶӮЁНИ ОСИЁ ГУЗАРОНИДА ШУД

***Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Анҷумани VI донишҷӯёни Осиё – «Ӯзбекистон – Осиё 2023» гузаронида шуд. Онро ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё Рустам Холмуродов кушод.***

Зикр гашт, ки мақсад аз баргузории анҷуман дастгирии рушди муносибатҳои ҷавонон дар фазои фаромарзии Русия ва Осиё, инчунин ҷалби ҷавонони кишварҳои қитъа ба лоиҳаҳои байналмилалии фарҳангӣ-гуманитарӣ, таълимӣ, варзишӣ, маърифатӣ ва гузаронидани тадбирҳои байналхалқии ҷавонон мебошад.

Мувофиқи анъана дар идома координатори ҳамоиш – Донишгоҳи давлатии Олтой барои баҳодиҳӣ ба фаъолияти конфронс ба мизбони он – Донишгоҳи давлатии Самарқанд китоби рейтингӣ супорид.

Бояд гуфт, ки иштирокчиён аз рӯйи як қатор лоиҳаҳо дар самтҳои «Таълими бидуни сарҳад», «Илми ҷавонон», «Мероси таърихию фарҳангӣ», «Худидоракунии донишҷӯён ва тарҳрезии иҷтимоӣ», «ВАО ва медиа барои донишҷӯён» кор бурданд.

**Мухбири худамон.**

# «ТАҶРИБАИ ҚАШҚАДАРЁ» МУАРРИФӢ ШУД

***Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилояти Қашқадарё изҳор доштанд, ки дар робита ба пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни аҳолии қаламрав ба таҷрибаи хубе ноил гардиданд.***

Ин мавзӯи меҳварии муҳокимаи як ҷаласае буд, ки ба ҳисоботи гурӯҳи кории махсуси фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят бахшида шуд. Дар ҷаласа ҳокими вилоят ва муовини вазири Вазорати корҳои дохилӣ Даврон Назармуҳаммадов ширкат варзида, бо ҳисоботи гурӯҳи корӣ шинос гардиданд.

Дар ҷамъомад доир ба пешгирии ҷиноятҳое, ки эҳтимоли сар заданашон ҳаст, инчунин ҷиноёте, ки содир гаштаву ошкор гардидани ҷузъиёташон суст идома меёфт ва дар ин робита амалиёти саривақтии гурӯҳи зудамали мақомоти интизомӣ маълумоти муфассал дода шуд. Якҷо бо гузориши маълумот расми тақдимоти «Таҷрибаи Қашқадарё» муаррифӣ гардид, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа баҳои сазовор гирифт.

«Таҷрибаи Қашқадарё» дар натиҷати омӯзиши фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи вилоят, хоса дар намои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Алишер Навоӣ»-и шаҳри Қаршӣ, ки аз нигоҳи содир шудани ҷиноят дар мақоми «сурх»-и раддабандӣ қарор дошт, тақдим гардид. Мақомоти интизомии вилоят муваффақ гардидаанд, ки ин ҳудудро аз ҷинояту ҷинояткорон пок созанд ва ба маҳаллаи амну осоиштае табдил диҳанд.

Таъкид гардид, аз эҳтимол дур нест, ки муваффақияти кормандони идораҳои интизомӣ чун «Таҷрибаи Қашқадарё» дар томоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ҷорӣ шавад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Қашқадарё.**

***11-уми сентябр дар Садорати минтақавии Палатаи савдо ва саноати Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд намоишгоҳ-бозори савдои «Рушди саноати заргарӣ ва истиқболи он» кори худро оғоз кард.***

# ДАР САМАРҚАНД НАМОИШГОҲИ МАСНУОТИ ЗАРГАРӢ БА КОР САР КАРД

Дар намоишгоҳ корхонаҳои бонуфузи заргарӣ, ҳунармандон, тадбиркорони алоҳидаи шаҳри Тошканд, вилоятҳои Самарқанд ва Наманган бо маҳсулоти худ иштирок намуданд.

Дар Фармони Сарвари давлат аз 18-уми майи соли 2019 «Дар бораи чораҳои рушди босуръати соҳаи заргарӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» беҳтар намудани тарғиботи бренди маҳаллии заргарӣ, аз ҷумла, ташкилкардани намоишгоҳ ва бозорҳои заргарӣ, таъмин сохтани иштироки васеи истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар онҳо пешбинӣ шудааст.

Дар намоишгоҳ-бозори мазкури савдо, ки бо мақсади таъмини иҷрои ин вазифаҳо ташкил карда шуд, масъулони Иттиҳодияи «Ӯзбекзаргарсаноат» ва ҳокимияти вилояти Самарқанд иштирок намуда, дар бораи ислоҳоти самти густариши истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ дар кишварамон сухан гуфтанд.

– Ҳоло дар мамлакат садҳо корхона ва ҳунармандон бо сохтан ва фурӯши ашёи заргарӣ машғуланд, – гуфт мушовири раиси Иттиҳодияи «Ӯзбекзаргарсаноат» Дилшод Саломов. – Ба корхонаҳое, ки бо фаъолияти заргарӣ машғуланд ва дар ин самт ҷойҳои нави корӣ ташкил кардаанд, имтиёзҳо дода шудаанд. Дар натиҷа теъдоди корхонаҳое, ки дар ин самт фаъолият доранд, бамаротиб афзудааст. Соли гузашта дар Бухоро Намоишгоҳи байналмилалии ашёи заргариро гузарондем. Дар он баробари истеҳсолкунандагони ӯзбекистонӣ намояндагони қариб 30 корхонаи байналмилалӣ иштирок карда, байни худ таҷриба иваз намуданд. Ҳоло дар мамлакати мо корхонаҳое ҳастанд, ки барои баланд бардоштани нуфузи бренди худ саъй мекунанд. Масалан, корхонаи истеҳсолии ашёи заргарии «Гавҳар»-и Наманган баробари эҳёи дизайни миллӣ ва қадимии маснуоти заргарӣ, зару зеварҳои замонавиро ҳам истеҳсол мекунад. Ҳоло дар ин ҷо қариб 200 нафар фаъолият доранд.

Имрӯзҳо барои боз ҳам ривоҷ додани соҳа дар ҳафт шаҳри ҷумҳурӣ кушодани маркази заргарӣ ба нақша гирифта шудааст. Аввалин марказ дар шаҳри Самарқанд ташкил карда мешавад. Барои ин дар маҳаллаи мувофиқ бино интихоб ва лоиҳа бо арзиши умумии 20 миллиард сӯм таҳия шудааст. Баъди татбиқ гардидани лоиҳаи мазкур худи ҳамин сол 150 ҷойи корӣ, соли 2024-ум бошад, ҷамъ 200 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

– 40 сол ин ҷониб дар ин соҳа кор мекунам, – гуфт роҳбари корхонаи муштараки «UzGold» Шевкет Унгур. – Дар 12-солагӣ маро падар дар пеши устои заргар шогирд гузошт. То ҳол ҳазорон намуди ашёи заргарӣ омода кардаам. Як сол боз дар Тошканд кор мекунам. Дар ин ҷо низ таваҷҷуҳи мардум ба ашёи заргарӣ зиёд аст.

Ёдовар мешавем, ки то охири сол дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ гузаронидани чунин намоишгоҳҳо дар назар аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# «ОДАМОНИ ХУБ БИСЁРАНД, К-ИН ОЛАМ БАПОСТ»

Оре, ба ин гуфтаҳои шоир сад дар сад розӣ нашуда наметавонӣ. Дар ҳақиқат одамони хуб, ободкору саховатпеша зиндагии моро рангу тароватu тозаву тар мебахшанд. Ба ҳамзамонон рӯҳи тоза ва дилгармие ба ҳаёт эҳдо мекунанд. Агар бо чунин ашхос ҳамсуҳбату ҳамнишин ва махсусан ҳамсафар бошед, ин омади бузургест. Иттифоқ афтод, ки бо Абдулҳамид якчанд бор дар ҷамъомаду маҳфилҳои ёру дӯстон, соҳибкорон ҳамсуҳбат бошам. Ин марди ҳалиму меҳрубон бо самимияту хоксорӣ ва фурӯтании хеш касро дар ҳайрат мегузорад. Ба дилу дида роҳ меёбад. Камина баъди мулоқоти зиёд бо ин марди наҷиб ният доштам, ки хотираҳои худро рӯйи коғаз оварам. Дар Маскав будам, дӯстам Мирфайёз Султонов, ки бо қаҳрамони ин лавҳа чандин сол инҷониб ҳамкорӣ дорад, занг зада хабар дод, ки дар бораи Абдулҳамид китобе омода мекунад. Дар он оид ба фаъолияти соҳибкорию ҷамоатчигии ӯ сухан рафта, баробари ин баъзе хотираҳо аз забони дӯстону ҳамкоронаш гирд оварда мешаванд. Азбаски фурсат каму имкони муфассалбаёнӣ набуд, «хӯшае аз хирвор» гуфта, навиштани ин чанд саҳифаро муносиб донистам.

* * *

Абдулҳамид боре дар як нишаст иброз дошт, ки насиб бошад, ба наздикӣ сафари Умра мекунад. Мо, албатта, ба ӯ сафари нек ва роҳи сафед хостем. Вале ҳеҷ хаёл накарда будам, ки дар ин сафар ба ӯ ҳамроҳ мешавам.

Беҳуда нагуфтаанд, ки «шахсро дар сафар бишнос». Ман ба хулосае омадам, ки Абдулҳамид дар одобу рафтор, муоширатт, пос доштани иззату ҳурмати куҳансолон бесобиқа аст. Шояд ин таъсири муҳити оила ва ҷойи зисту аҳли он бошад. Дар ӯ аз ғуруру ҳавобаландиеро, ки собиқ коркунони мақомоти қудратӣ ва соҳибкорони муваффақ доранд, заррае наметавон эҳсос кард.

* * *

Абдулҳамид дар соҳибкорӣ, метавон гуфт, мактаби хоси худро дорад. Ӯ дар ҳар куҷо объектҳои истеҳсолӣ, тиҷоратии хешро васеъ карда, ба садҳо ҷавонон ва занону духтарони маҳаллӣ ҷойи кор омода мекунад. Албатта, «гӯшт бе устухон намешавад», баъзеи онҳо ба пули бедарди миён майл кардаву ба роҳҳои хато рафта, дар ҳаққи ӯ хиёнат ҳам кардаанд. Ӯ одати аз касе дилмонда шудану кина парваридан надорад. Ин хислат ба ӯ аз падари бузургвораш Ҳоҷӣ Ҳайит сироят кардааст. – Бадро ҳаволааш ба Худо,– мегуфт падар ва ин рубоиро меовард:

*Гар дар дилат аз касе шикоят бошад,*
*Дарди дили ту аз ӯ бағоят бошад.*
*Зинҳор ба интиқом машғул машав,*
*Бадро бадии худаш кифоят бошад.*

Ин андарзи қиблагоҳи падари азиз шиору мароми ҳамешагии кори Абдулҳамид аст. Вай насиҳати падарро гирифта, аз хурдӣ ба хондан меҳр баст. Мактаби миёнаро хубу аъло ба итмом расонда, донишашро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сайқал дод. Ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ ба қавле, аробаашро худаш кашола мекардагӣ шуд.

### БИНОИ ДӮСТӢ

Имрӯз ин марди ободгар дар шаҳри Тошканд иқомат дорад ва ба ободкорию соҳибкорӣ машғул аст.

Дар мавзеи «Тошкент-ситӣ» маҷмаи бузурги тиҷоратию соҳибкорӣ бо меҳмонхонаи ҳозиразамон барои 350 ҷой бунёд меёбад, ки дар арафаи ба истифодасупорист. Дар сохтмони ин бинои муҳташами замонавӣ тақрибан 150-200 нафар бинокорон кор мекунанд. Он бояд дар арафаи 35-солагии истиқлол ба истифода дода шавад.

Беҳуда нест, ки объекти мазкурро намунаи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек медонанд, он дар мадди назари ду ҷумҳурӣ қарор дорад. Камина охири моҳи майи соли ҷорӣ дар меҳмонии Абдулҳамид Муъминов будам ва шоҳиди он гаштам, ки сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ва раисони судҳои Конститутсионии Ӯзбекистону Тоҷикистон аз рафти сохтмон қаноатмандии хешро баён карданд. Меҳмонон аз соҳибкорону тоҷирони истаравшании муқими Ӯзбекистон хеле сипосгузор буда, қайд карданд, ки онҳо дар ободию рушди корҳои маданиву маърифатӣ саҳми арзанда мегузоранд.



### КӮРАИ ОДАМГАРӢ

Абдулҳамид Муъминов ба кадом шаҳру ноҳия наравад, кӯшиш мекунад, ки дар ҷараёни сафари корӣ дӯст пайдо кунад. Имрӯз ӯ қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамкорону дӯстони наздик дорад. Дар Қазоқистону Русия ва дигар мамлакатҳои дуру наздик ҳам ӯро чун соҳибкори варзида мешиносанд.

Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳангоме ки дар мактаби миёна мехондам, бародари калониям шодравон Азизҷон, ки ба шаҳри Тошканд тез-тез рафта меомаданд, вақтҳои таътили тобистона баъзан маро ҳамроҳ ба тамошои Тошканд мебурданд. Қисса мекарданд, ки тоҷирони истаравшанӣ дар ин ҷо нуфузи хуб доранд. Номи баъзеи онҳоро ба забон меоварданд, ки дар байнашон Ҳабибуллоака, марҳум Неъматуллоака ва соҳибкорон Искандар, Абдуманнон, Хуршедҷон ва даҳҳо дигарон буданд.

Ман, албатта, аз ин хурсанд мешудам, ки мардони истаравшанӣ берун аз диёри худ соҳиби обрӯю эътиборанд.

Инро бинед, ки ҳамсабақам, дӯсти бачагиям Муродҷон Мақсудов ҳам баъди хатми мактаби миёна бо аҳли оила ба Тошканд омада, таҳсили илм кард ва дар соҳаи савдо ба комёбиҳои назаррас ноил шуд. Ӯ дар маркази Тошканди азим маркази тиҷоратӣ барпо карда, номашро ба хотири зодгоҳаш «Истаравшан» гузоштааст.

Алҳол Муродҷон Мақсудов садҳо нафар шогирд дорад.

Ба наздикӣ Абдулҳамид ба Истаравшан омад, хеле вазн партофта буд. Сабаб пурсидам. Гуфт, ки тақрибан нон намехурад. Ӯ ба Истаравшан ояд, ҳатман дар чойхона ош фармуда, ҳамаи ёру дӯстон, ҳамкоронашро даъват мекунад. Дар ошхӯрӣ ҳам бад не, гӯшту равғани Истаравшан ба ош маззаю лаззати дигар мебахшад, гуфта ҳай-ҳайю байбайгӯён «мепечонад».

Ин «хӯшае аз хирвор»-ро бо мисраи дуюми сарлавҳа:

«Кори олам буду бошад, з-одамони рост, рост!»

хотима мебахшам.

**Юсуфҷон АБДУРАҲИМОВ,**
**узви Иттиҳоди**
**журналистони Тоҷикистон,**
**собиқадори меҳнат.**

# КУМАКИ САРҲАДБОНОН БОИСИ ХУРСАНДӢ ШУД

***Ноҳияи Сӯх, ки аз чаҳор тараф бо Қирғизистон ҳамҳудуд аст, аз ҷониби Қӯшунҳои сарҳадӣ муҳофизат карда мешавад. Афсарону сарбозон баробари он ки вазифаи худро анҷом медиҳанд, бо мактабҳои ноҳия низ дар робита мебошанд.***



Ба наздикӣ як гурӯҳ сарбозону афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ ба мактаби рақами 25-ум, воқеъ дар деҳаи Зангати ноҳия ташриф оварданд. Онҳо ба мактаб 25 миллион сӯмина таҷҳизоти гуногуни варзишӣ тақдим намуданд.

– Мо барои чунин туҳфаи хуб ба роҳбарияти ситоди Қӯшунҳои сарҳадӣ дар ноҳия ибрози ташаккур мекунем. Минбаъд шогирдони мактабамон дар толори барҳавову муҷаҳҳаз машқу тамрин мекунанд. Мактабамон бо яке аз қисмҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ робитаи худро давом хоҳад дод. Ин танҳо ба манфиати кор аст, – гуфт директори мактаб Абдумаҷид Юлдошев.

Баъд омӯзгорону донишомӯзони мактаб намоиши сагҳои хидматии нерӯҳои марзбониро бо завқу шавқи том тамошо карданд.

**Рамиз АБДУЛЛОЕВ,**
**лейтенанти калони**
**Қӯшунҳои сарҳадӣ.**

**Панҷ ташаббус – дар амал**

***Дар маҳаллаи «Ғафур Ғулом»-и ноҳияи Ғаллаарал наврасону ҷавонон ба марҳилаи навбатӣ роҳхат гирифтанд. Лозим ба ёдоварист, ки то ин дам дар вилоят ҷавонон мушарраф гардиданд, ки қариб 58 иншооти нави варзиширо мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Аз ин 16 тояш дар ноҳияи Ғаллаарал воқеъ аст.***

# МАВСИМИ ДУВУМИ ОЗМУН

Ба наздикӣ дар маҳаллаи ба номи Ғафур Ғулом мавсими дувуми озмуни «Панҷ ташаббус» ба таври намунавӣ ташкил карда шуд. Барои иштирок дар ин марҳила беш аз 45 ҳазор нафар ҷавонон ариза доданд.

Дар озмун ҷавонон фаъолона иштирок намуданд. Китобхонӣ, намоиши қобилияти ҳунари мусиқӣ, варзиш аз рӯи гӯштӣ хеле хотирмон буданд.

Дар маҳалла беш аз ҳазор нафар ҷавонон кору зиндагӣ мекунанд. Аз ин 900 нафарашон дар озмун иштирок карданд. 50 нафар ҷавонони маҳалла ба марҳилаи навбатӣ роҳхат гирифтанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Акси садо

# НОМҲО МУЛКИ МАЪНАВИАНД

Ҳамкори мо Зоҳир Ҳасанзода бо мақолаи «Кори бемашварат накӯ н-ояд» («Овози тоҷик», 7 июни соли 2023, № 45) ба масъалаи хеле муҳим дахолат карда, бо факту мулоҳизаҳои асоснок камбудии кори комиссияҳои номгузориро дар вилояти Самарқанд ошкор кардааст. Бидуни шубҳа, агар зарурат набошад, тағйир додани номҳои ҷуғрофии ин ё он ҳудуд, ки дар зеҳни сокинонаш нишастааст, шарт нест. Дар акси ҳол боиси норозигӣ мегардад. Бояд таъкид намуд, ки масъалаи номгузорӣ ба ягон ҷой – кӯчаю маҳал, мавзеъ ё деҳкада кори хеле нозук аст, хусусан агар ба номи ягон шахс монда шавад. Замоне чунин номгузориҳои бемашварат ба мактабҳо боиси сар задани норизоиҳо ва пасон бе ном, танҳо ба тартиби рақам ифодаёбии онҳо гардид. Худ аз худ аён аст: дар ҳар ҷое, ки меъёрҳои адолат халалдор шуд, дар он ҷо норозигию ноороми сар мезанад. Дар асоси қонуни дар мақола зикршуда дар вилояти Бухоро низ номи як идда ҷою маҳалҳо иваз карда шуда буданд. Вале на ҳамаи ин қарорҳои қабулгардидаро метавон оқилона ҳисобид. Масалан, дар ноҳияи Шофиркон ҳудуди таърихии Вардонзе масоҳати васеъ дорад. Ин ҷо деҳаи Вардонзеи кӯҳна, маҳаллаҳои «Ш. Рашидов» ва «Қӯрғони Вардонзе» мавҷуданд. Чанд сол муқаддам маҳаллаи «Ш. Рашидов»-ро «Вардонзе» меномиданд. Мутаассифона, он гоҳ дар доираҳои расмӣ ҳар се ин маҳаллаҳоро ихтисоран «Вардонзе» мегуфтанд. Оқибат, ба мақсади «бартарафсозии» якхелагии ном «Вардонзе»-ро ба «Ш. Рашидов» табдил доданд.

Тавре ки гуфтем, Вардонзе мавзеи қадимист, маъхазҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки вай нисбат ба шаҳри Бухоро қадимитар аст. Бояд ин ном барои авлоди имрӯзуояндаи ҳудуд муқаддас, мояи ифтихор бошад. Номи арбоби давлатиро айнан бо Вардонзе иваз кардан шарт набуд. Зеро дар вилояти Ҷиззах ноҳияе бо номи ӯ ҳаст. Агар ба ягон маҳаллаи Шофиркон гузоштани номи Ш. Рашидов ҳатмӣ бошад, пас чаро «Нурафшон», «Гулистон» барин номҳои сунъӣ не, балки номи таърихии Вардонзеро иваз кардаанд?!

Боиси таассуф аст, ки ҳафт-ҳашт сол муқаддам қарорҳои маҷлиси маҳалларо бо супориши «боло» аз номи мардум дусе нафар кормандони маҳалла, ё ки бо иштироки 3-4 нафар корафтодагони тасодуфӣ қабул мекарданд.

Дар ноҳияи Вобканд низ маҳаллае бо номи «Харгӯш» машҳур буд. Дар соли 2018 ин ҷамоати шаҳрвандон ба «Пахтакор» табдил дода шуд. Баъди ду сол ин ном бо «Хайрхуш» иваз гардид. Баъзан талқини нодурусти ном одамонро раҳгум месозад. Табиист, ки решаи аввали калимаи «харгӯш» боиси тағйир додани ном шудааст.

Азбаски аксарияти номҳои ҷуғрофии ҳудуди вилоят тоҷикӣ мебошанд, дақиқ надонистани маънӣ ва этимологияи онҳо боиси иштибоҳи аъзои комиссияҳои номгузорӣ мегардад. Масалан, дар мавзеи Деҳнави ноҳияи Шофиркон номи нуқтаи аҳолинишини «Болои рӯд»-ро дар даромадгоҳи он «Юқори Болои руд» навиштаанд, ки боиси хандахариш аст. Дар ноҳияи Вобканд бошад, мавзеи кӯпруки дарёи Зарафшон – «Сари пул» «Сарапул», деҳаи «Пахноб» «Паноб»; дар шаҳри Бухоро маҳаллаи «Ширбадан» «Ширбудин» сабт шудаанд, ки куллан хато ва ҳатто хандаовар аст. Мутаассифона, чунин мисолҳо зиёданд.

Хулоса, тавре ки дар мақолаи Ҳасанзода таъкид ёфтааст, «кори бемашварат ҳаргиз накӯ н-ояд»...

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Дар Кохи театр-консерти вилоятии шаҳри Фарғона бахшида ба гиромидошти хотираи Шоири халқии Ӯзбекистон, арбоби ҷамъиятӣ Энахон Сиддиқова маҳфили маънавию маърифатӣ баргузор гардид. Он таҳти унвони «Ҳаёт – саёҳат ба сӯйи некӣ» ба вуқӯъ пайваст.***

# ГИРОМИДОШТИ ШОИРАИ ХАЛҚӢ

Маҳфилро ҳокимияти вилоят дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагон баргузор намуд. Дар он шоиру нависандагони маъруф, эҷодкорон, олимон, намояндагони аҳли ҷомеа ва як гурӯҳ ҷавонон ширкат варзиданд.

Ҷонишини ҳокими вилоят Файзулло Қосимов, Шоири халқии Ӯзбекистон Маҳмуд Тоир, муовини раиси Иттифоқи нависандагон Ботирҷон Эргашев ва дигарон дар бораи мероси адабӣ ва фаъолияти эҷодии шоира ҳарф заданд ва корҳои ӯро ба некӣ ёдовар шуданд.

– Зиндагии серпаҳлӯи Сиддиқова барои ҳар як эҷодкори ҷавон мояи пайравӣ ва ифтихори бузург мебошад. Ӯ ғайр аз эҷодкорӣ ва тарбияи адибони ҷавон ба ҳайси узви Сенати Олий Маҷлис низ фаъолият намудааст. Дар ин самт зимни муҳокимаву тасдиқи ҳуҷҷатҳои барои мамлакат ва мардуми он басо муҳим саҳми босазои худро гузоштааст. Ҳар лаҳзаи ҳаёту фаъолияташ ибратбахш мебошад, – гуфт Ботирҷон Эргашев.

Дар ҷараёни маҳфили гиромидошт ҷавонон аз ашъори ғановатманди шоира намунаҳо қироат карданд. Баъд аз рӯйи осори ӯ намоишномаҳои хос ба маърази тамошо гузошта шуданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,*
*профессор*

# САДОҲО АЗ ЖАРФОИ ТАЪРИХ

**(Пурсиш ва посух аз гузаштагони бузург)**

*(Эссе)*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои № 68, 69, 71, 72).**

## ПУРСИШ ВА ПОСУХ АЗ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО (980-1037)

Шайх-ул-раис! Зиёда аз ҳазор сол аст, ки номи муборакӣ Шумо дар қалби башарият маскан дорад. Асарҳои безаволатонро наслҳои гуногун такрор ба такрор мехонанд, баҳраи ҷисмониву маънавӣ мегиранд. «Ал-қонун фи-тиб» ҳанӯз соли 1180 ба забони лотинӣ тарҷума шуда, чун дастури дарсӣ асрҳо дар донишгоҳҳои мамолики Ғарб ва Шарқ истифода мешавад. «Наҷот», «Шифо», «Донишнома», «Ишорот ва танбеҳот», «Рисолаи ишқ» барин китобҳоятон маълуму машҳуранд, ки фалсафаи ақлонии Арасту ва ғояи Афлотунро дар олами ислом эҷодкорона идома додаанд.

Барои абадӣ кардани хотири некатон, яке аз астроидҳо ба номи Шумо гузошта шуда, дар Маҳтоб бузургтарин кратер номи Шуморо дорад, табиатшиноси бузурги замони мо Карл Линей гиёҳеро бо номи Шумо номгузорӣ кард. Яке аз баландтарин қуллаи кӯҳи Помир дар Тоҷикистон, донишгоҳ, китобхона, кӯчаҳои зиёдеро дар кишварҳои бисёре ба номи Шумо додаанд. Дар бораи ҳаёти Шумо филмҳои бадеӣ-таърихӣ ба навор гирифтаанд ва ғайра.

Китоби «Тадбири манзил»-ро, ки ба забони модарии худ – форсии тоҷикӣ навиштаед, он ба мо имкон медиҳад, ки барои ҳалли масоили рӯзмарраи замони худ аз Шумо суол кунем. Зеро мо Шуморо на танҳо чун бузургтарин табибу файласуф, балки боз чун донишманди беназири ҳаёт ва ҷомеа ҳам мешиносем. Шумо дардҳои маънавии замони худро хеле хуб баён кардаед, ки ба дардҳои даврони мо шабоҳат доранд.

Инак, пурсиданием, ки чаро тарзи зиндагии одамон, дар ҳама вақту ҳолат, воқеият тибқи хостҳои онҳо амалӣ намешавад? Чаро мардум барои зиндагии хубу осоиштаю осуда як нақша мекашанду, дар амал зиндагиашон сурати дигар мегирад? Чаро дар замони мо – замони иттилоотию рақамӣ, техникию технологӣ баробари сабук шудани бисёр корҳои ҷисмонӣ пойдории оила хароб мегардад? Чаро тарбияи фарзанд душвортар мешавад...? Шумо маслиҳат медиҳед, ки:

– Азизон! Шумо фикр мекунед, ки ба ин саволҳо бузургони ақлу хирад, ба мисли Афлотун, Арасту, Форобӣ, Лао Сзи, Конфутсий, ё файласуфони Ҳинди бостонӣ ва дигар мутафаккирони мутақаддиму мутаохир ҷавоб дода метавонанд? Ҳаргиз! Ҷавоби чунин саволҳоро бояд дар худ биҷӯед! Зеро ба саволе, ки бевосита ба ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавии шумо дахлдор аст, ё аз талошу хостҳои дили шумо ба миён меояд, танҳо бояд худатон ҷавоби дуруст ёфта, тибқи он амал кунед. На аз бузургони ақлу хирад ва на аз пайғамбарони бешумор! Онҳо танҳо васила ё омили ҷустуҷӯйҳои ҷавоб ба саволҳои зиндагӣ шуда метавонанд.

Инсон, ки тавлид шуд, бояд дар баҳри беканори зиндагӣ, дар маҷрои он шино карданро омӯзад, вагарна дар соҳили зиндагӣ хоҳад монд.

Агар сухан дар бораи оиладорӣ равад, ман дар асарҳои худ «Рисолаи ишқ» ва «Тадбири манзил» ба ин масъала ишора кардаам. Пойдории оила, пеш аз ҳама, ба ишқи софи байни зану шавҳар асос меёбад. Ишқи соф гуфта, ман силсилаи муносибатҳои рӯҳӣ, маънавии инсониеро дар назар дорам, ки Парвардигор ба ҳар як фард барои қатъ нашудани ҳаёт зиндагӣ ато кардааст. Маҳсули он фарзандон, насли одамист. Бе ин ишқ на танҳо оиладорӣ пойдор нест, балки олам, коинот, ситораҳо, сайёраҳо ҳам, чуноне ки дар «Рисолаи ишқ» гуфтаам, аз ҳаракат бозмемонанд. Аз ин ҷост, ки онро бисёр файласуфон ва сӯфиён мусовӣ ба Худо таъбир кардаанд.

Ишқи соф воқеиятест, ки дар байни зану шавҳар якдигарфаҳмӣ, якдигарпазирой, гузашти ҳамдигарӣ, эътимодро тақозо мекунад. Аз ҳама муҳимтараш он имкон медиҳад, ки зану шавҳар душвориҳо, пасту баландиҳои зиндагиро бо ҳам ба осонӣ паси сар бикунанд, якдигарро танҳо нагузоранд, сангарҳои забонӣ, рӯҳӣ, фарҳангӣ, динӣ ва анъанавиро якҷо бартараф созанд.

***

Ҳакими бузург! Ҳар он чӣ Шумо дар боло гуфтед, мо қабул дорем, мувофиқ ҳастему чун дастури ҳаёт истифода мекунем. Аммо моро чизи дигар ба ташвишу изтироб овардааст. Айни ҳол, дар байни тоҷиконфорсизабонон талоқдиҳии занҳо, вайрон шудани оила, бо сабабҳои иҷтимоӣ, рӯҳӣ афзудааст. Аксаран мардҳо ва баъзан занҳо муҳоҷир мешаванд, дар кишварҳои бегона ба сахтиҳои бисёре рӯ ба рӯ меоянд, мардҳо ба занҳои қавмҳои дигар издивоҷ мекунанд, занҳои тоҷик умре бешавҳар мегарданд ва афсӯс, ки ба корҳои ғайриахлоқӣ ҳам даст мезананд. Хулоса, ин масъалаи муҳим барои нигоҳ доштан ва ҳифзи ҳувияти миллӣ на фақат монеа мегардад, балки онро маҳв месозад.

Дар ин ҷо бояд хотиррасон кард, ки миллат, на давлат, бояд, пеш аз ҳама, сарзамин ва занони худро аз ҳама гуна таҳдид (иқтисодӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ ва ғ.) ҳифз карда тавонад. Таърихи инсоният собит сохта, ки манфиати миллат (кулли мардум) ва давлат (ҳизбҳо, гурӯҳҳо, қавмҳо ва ғ.) на ҳамеша мутобиқ меафтанд. Миллат агар аз муфлисӣ занҳои худро дар ба дар созад, аз ҷиҳати моддӣ онҳоро таъмин карда натавонад, дар кишвар Қонуни асосӣ аз ҷониби давлат риоя нашавад, яқинан, занҳо дар ҷустуҷӯйи бахту саодати худ меафтанд ва ҳувияти миллат зери хатар мемонад. Дар ин ҷо масъалаи худшиносии миллат ба миён меояд. Яке аз шартҳои асосии худшиносии миллӣ дар ҳимоят карда тавонистани кишвару занони худ аз тасаллутгарон аст.

**(Давом дорад).**



*Дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобури вилояти Андиҷон ҷиҳати фароҳам овардани шароити зарурӣ барои шаҳрвандон, ҳифзи фонди китоб ва оиди ғанӣ гардондани бойгонии он корҳои пурсамар амалӣ мегарданд. Дар натиҷа муносибати аҳолӣ низ нисбати мутолиа тағйир ёфт.*

*Барои китобхониву донишандӯзии китобхонон дар толорҳои хониш ва омӯзиши забони хориҷӣ, шуъбаи китобхонаи электронӣ, кор бо ҷавонон, секторҳои адабиёти ҳуқуқӣ ва табиатшиносӣ шароити зиёд фароҳам оварда шудааст. Инчунин маҳфили «Китобхона – оилаи дуюми ман» низ ташкил гардидааст.*

*Ғайр аз ин, дар китобхона барои шаҳрвандони имкониятошон маҳдуд, шахсоне, ки мехоҳанд дар алоҳидагӣ шуғл варзанд ва маҳфилҳои хурдтаракон хонаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ. (ӮзА).***

Солҳои 50-60 садаи XX дар кӯчаҳои шаҳри Сталинобод, дертар Душанбе, марди миёнқаде бо номи Бачамард, ки нусхаи Ленин буд, пайдо шуд. Тарзи либоспӯшӣ, галстук, куртаи сафед, қади паст, гуфтору рафтор, то ҳатто ҳаракатҳояш ҳам аз Ленин фарқ надошт. Агар ба кӯча мебаромад, хонандагони мактаб, ҳатто донишҷӯён ҳам аз пасаш рафта «Зинда бод Илич!» мегуфтанд. Калонсолон, махсусан русҳо, ӯро дида ангушти ҳайрат мегазиданд. Коркунони милиса аз ӯ метарсиданд, зеро боздошт ё таҳдид ба вай «боздошт» ва «таҳдид» ба шахсияти В.И. Ленин дониста мешуд. Дар асл Бачамард табиатан дузд ва кисабури гузаро буд. Дар автобус ё троллейбус, махсусан вақти аз кор баргаштани одамон, ҳангоме ки автобусу троллейбусҳо пури одам мешуданд, Бачамард номаълумак аз дасти онҳо соат ё аз кисаашон пулашонро мегирифт. Ӯро як бор барои задани кассаи амонатӣ ва дуздидани пули сартарошон дастгир карда, хостанд ба Сибир бадарға кунанд. Аммо ҳукумати онвақтаи Тоҷикистон ӯро раҳо кард.

# БАЧАМАРД

*(Ёддошт)*

Бо вуҷуди он, ки Бачамард як одами дузд ва кисабури ҳирфаӣ буд, бечорапарвар, дастгирикунандаи дармондагону оҷизон дар байни мардуми Ҷилликӯл ном бароварда буд. Як хусусияти аҷиби Бачамард дар он буд, ки ба шахсони маошашон аз 140 сӯм кам даст намерасонд. Асосан барои дуздӣ ба хонаю ҳавлию бӯстонсароҳои ходимони намоёни ҳизбӣ, давлатӣ, вазирон, нависандагон, депутат, артистон, ки магазини махсуси хӯрокворию либосворӣ дар хидмати онҳо буд, медаромад. Дар ин мағозаҳо молҳои камёбро мефурӯхтанд. Одамони одӣ доир ба ин мағозаҳо тасаввуроте надоштанд. Он солҳо Душанбе тақрибан 300 ҳазор нафар нуфус дошт ва бисёрии шаҳрвандон, махсусан зиёиён ва коргарони давлатӣ, якдигарро мешинохтанд. Одамони бонуфузи он замон аз дуздидани хонаҳояшон медонистанд, ки ин кори «Ленин» аст, вале ҳеч кас ба милиса хабар намедод.

Рӯзе аз ӯ пурсиданд, ки ту хонаҳои одамони бонуфузи Душанберо дуздидаӣ, аммо чаро хонаи С. Айниро, ки академик, депутат, президенти Академияи фанҳо, хулоса, одами серпул аст, намедуздӣ? Вай ҷавоб дод: «Медонам, Айнӣ бо хӯрдани хуни дил пул пайдо мекунад».

Дар ёд дорам, ки он солҳо ман дар мактаби мусиқии Душанбе мехондам. Рӯзе Бачамард дар хобгоҳи мо пайдо шуда, ба аксарияти донишомӯзон 3 сӯмӣ дод. Бо се сӯм мо қариб ним моҳ кино тамошо мекардем. (Он солҳо нархи билети кино 20 тин буд).

Дар Тошканд ҳам он солҳо Бачамард «қурбониён»-и худро дошт. Ализо Раҳмонқулов (1929-2020) – дастпарвари Институти театрии Тошканд ба номи А. Н. Островский ва Мактаби олии партиявии Тошканд, баъдтар Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон, нақл мекард, ки ҳангоми дар меҳмонхонаи «Тошкент» пайдо шудани Бачамард, хидматгорони меҳмонхона корро партофта пеши ӯ меомаданд. Трамваю троллейбусҳо истода, интизори дидани «Ленин» мешуданд. Пешхидматҳои ресторани «Тошкент» аз «В. И. Ленин – Бачамард», ба хотири он, ки «мабодо, онҳоро ба беҳурматӣ нисбати В.И.-Ленин» айбдор накунанд, ҳаққи хӯрок намегирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

Насри ниёгон

# ҲИКОЯТ

**(Порае аз «Калила ва Димна»)**

Овардаанд, ки Кабки дарие дар домани кӯҳе мехиромид ва ғулғулаи садои қаҳ-қаҳааш дар гунбади сипеҳр мепечид. Иттифоқан, Бози шикорие дар он ҳаво мегузашт, чун Кабки дариро дид, дилаш ба муҳаббати ӯ моил гашт ва ба худ андешид, ки дар ин олам ҳар касе бояд ёри мувофиқ ва рафиқи меҳрбоне дошта бошад:

*Касе к-андар ҷаҳон ёре*
*надорад,*
*Дарахти ишраташ боре*
*надорад.*

Ва ин Кабк ёри хушманзар, хандонрӯй, сабукрӯҳ, ширинзабон ва латифҳаракат аст, дил дар суҳбати чунин рафиқе тозаву хуррам гардад.

Пас оҳиста ба ҷониби Кабк моил шуд ва Кабкро назар бар вай афтод ва ҳазаркунон худро ба шикофи санге расонид. Боз аз ҳаво даромада, пеши он сӯрох нишаста гуфт:

— Ай Кабк, пеш аз ин аз ҳунарҳои ту ғофил будам ва фазлу камоли ту бар ман зоҳир набуд. Имрӯз ба воситаи қаҳ-қаҳаи ту кушоише дар дили ман падид омад ва хиромидани дилфиребӣ ту маро сайд карда. Умед аст, ки минбаъд аз ман тарсону ҳаросон набошӣ ва ба сӯйи ман майл намоӣ.

Кабк овоз дод, ки «Ай қаҳрамони комгор, даст аз ин бечораи меҳнатзада боздор, ҳар гоҳ, ки обу оташ якҷоя шаванд, ману ту рафиқ шуда метавонем».

Боз гуфт:

— Ай азиз, худ андеша кун, ки ман аз дӯстӣ бо ту ҳеч ғаразе надорам, чанголи ман нуқсе надорад, ки аз сайд ва аз хӯрдан оҷиз шуда бошам. Ман ғайр аз бо ту дӯсту ҳамдам шудан дигар мақсаде надорам. Ту аз суҳбати ман чандин фоидаҳо хоҳӣ дид. Аввало, чун дигар бозҳо мебинанд, ки ту дар сояи парвариши ман ҳастӣ, ба ту тааддӣ намекунанд ва ба дидаи ҳурмат ба ту менигаранд; дуввум, ман туро ба ошёнаи худ мебарам ва ту аз кабкҳои дигар чӣ қадарҳо баланд зиндагӣ мекунӣ; сеюм, аз кабкҳо ҳар мокиёнеро, ки хоҳӣ наздат меорам, бо вай ба хушиву хурсандӣ рӯз мегузаронӣ.

Кабк гуфт:

— Ту амири мурғонӣ ва инони ихтиёри мурғон ба қабзаи иқтидори туст ва ман яке аз табааи ту ҳастам. Агар аз ман кирдоре содир шавад, ки мувофиқи табъи ту набошад, пас сарпанҷаи ғазаби ту маро ба ҳалокат расонад. Беҳтар ин аст, ки дар гӯшаи хилват бинишинам.

Боз гуфт:

— Ай бародар, нашунидаӣ, ки дидаи дӯстӣ айб намебинад ва ҳар зиштие, ки аз дӯст падид ояд, бағоят зебо менамояд:

*Заҳри туро дӯст чӣ донад? —*
*Шакар.*
*Айби туро дӯст чӣ донад? —*
*Ҳунар!*

Ман, ки кирдори туро ба дидаи муҳаббат мебинам, дар гуфту шуниди ту чӣ гуна хати хато кашида метавонам:

*Дидаи дӯст айббин набувад.*

Кабк ҳарчанд узрҳои писандида мегуфт, Боз ҷавобҳои маъқулу дилпазир дар муқобили он меовард. Дар охир Боз ба аҳду паймон Кабкро аз сӯрох берун овард ва бардошта ба ошёнаи худ бурд. Ҳар ду бо якдигар хуш баромада, рӯзҳоро бо айшу тараб мегузарониданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# НАВИСАНДА ВА НАҚДИ АДАБӢ

Нависандаи халқии Ӯзбекистон Эркин Аъзам аз зумраи адибонест, ки дар охири солҳои ҳафтод ва ибтидои солҳои ҳаштод дар арсаи адабиёт бо қадами устувор ворид шудааст. Ӯ соҳиби услубу нигориши хоси худ аст ва ҷойи ифтихор аст, ки навиштаҳояш зиёд таҳқиқ шудаанд. Рангорангиҳои эҷодиёти Эркин Аъзам ҳамеша эътибори муҳаққиқону мунаққидони адабиётро ба худ ҷалб менамуд. Аз ин рӯ, нисбати бурду бохти эҷодиёташ як қатор адабиётшиносон дар матбуоти даврӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён намудаанд. Хусусан, навиштаҳои адабиётшиносон У.Норматов, Н.Худойберганов, А.Расулов, Н. Шукуров, И. Ҳасанов, М. Шералиева, М. Қӯчқорова, О. Тағоев, Қ. Йӯлдошев ва И. Ҳаққулов сазовори зикр аст.

Дар шинохти мавқеи адабии адиб ва маҳорати эҷодии ӯ монографияи илмии мунаққид ва муҳаққиқи ҷавон, доктори илмҳои фалсафа дар бахши адабиёт Обид Шофиев дар мавзӯи «Бадеияти насри Эркин Аъзам» (киноя ва образ) дастуруламалест басо ҷолибу муфид.

Китоби мазкур аз се боб иборат буда, дар боби аввали он мунаққиди нуктасанҷ доир ба мавқеи нависанда дар адабиёт, хусусиятҳои фарқкунандаи эҷодиёти ӯ аз дигар адибон ба таври муқоисавӣ маълумот медиҳад. Дар ҷараёни муҳокимаронӣ адабиётшинос ҳадди эътидоли баҳсро риоя намуда, фикру мулоҳизаҳои хешро нисбати нигоштаҳои адабиётшиносон муътамад ва бо иқтибосҳои раднопазир иброз намудааст. Ба хотири таъмини холисии мушоҳидаҳо ва таҳлили мантиқии асарҳои адиби номвар дар аввали боби мазкур овардани иқтибоси зерини падари танқиди адабиётшиносии рус В.Г.Белинский – «Барои баҳои муносиб додан ба эҷодиёти ҳар адиб мебояд ӯро аввал ба таври бояду шояд омӯхт ва мавқеи адабиашро дар ҷодаи адабиёт муайян намуд» хеле ҷолиб буда, самти таҳлилу тадқиқи олимро муайян месозад. Муҳаққиқи ҷавон дар рафти омӯзиши эҷодиёти Эркин Аъзам ба нишондодҳои боло амал намуда, таҳқиқи мавзуи басо мураккаб ва хеле кам дучоршавандаро (киноя ва образ) ба зимма гирифтааст. Ин шаҳодати ҷасорату шуҷоати қатъии адабиётшиноси ҷавон дар роҳи дарёфти ҳақиқати эҷодӣ ва баҳои муносиб додан ба офаридаҳои адибон аст.

Дар боби дуюми китоби «Бадеияти насри Эркин Аъзам» адабиётшинос дар хусуси паҳлуҳои фарқкунандаи эҷодиёти адиб, хелҳои киноя, истифодаи киноя дар адабиёти ҷаҳон, хусусияти эстетикӣ касб намудани киноя дар эҷодиёти нависанда маълумот додааст. Мунаққид дар ин боб мавқеи истифодаи кинояро дар характери қаҳрамонони қиссаҳои «Гулӣ-гулӣ», «Пакананинг ошиқ кўнгли», («Дили ошиқи пакана»), «Отойининг туғилган йили» (Зодрӯзи Атоӣ), «Ҷавоб» бомавқеъ таъкид намуда, дар лутфу киноя маҳорати характерофарии нависандаи ба рӯйдодҳои зиндагӣ мушоҳидакорро муъҷаз баён месозад.

Қаҳрамонони ин қиссаҳои нависанда маҳсули даврони рукуду бозмондагиянд. Эркин Аъзам тавонистааст, дар руҳияи образҳояш иллатҳои ондавраинаи ҷамъиятро бо лутф, кинояву тамасхур, тавассути шахсияти қаҳрамонон нозук ба қалам диҳад.

Дар боби сеюми монография таҳқиқи табиати қаҳрамонони нависанда такмил ёфта, характери табиати ботинии онҳо дар асарҳои ҷудогона омӯхта шудааст. Образи шахси ба муҳити зисти худ бегона – Нуриддин Элчиев дар қиссаи «Ҷавоб», бо давру замон номуросо, якраву шартакигӯй – Асқар Шодибеков дар «Зодрӯзи Атоӣ», шахси аз замон қафомонда – Бердибой дар асари «Пиёла», хоҳароне, ки ғайр аз рӯзҳои ид дигар рӯзҳоро намедонанд, образҳои Баргидаю Басира дар «Байрамдан бошқа кунлар» («Рӯзҳои ғайри ид») бо ҳама ҷузъиёташ таҳлилу таҳқиқ ёфта, дараҷаи вусъати образофарии нависандаро дар ҷодаи адабиёт таъкид мекунад.

Ростӣ, дар хусуси ин адабиётшиноси нуктадон бисёр шунида ва якчанд навиштаҳои намакинашро хонда будам. Бори аввал ӯро дар рӯзи дафни адабиётшиноси варзидаю эътирофшуда, муҳаққиқи бузурги адабиёти ду халқ – тоҷику ӯзбек доктори илмҳои филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоев дида будам. Дертар ба дафтари кориаш рафтаву аз наздик шинос шудам. Дарёфтам, ки сахт роғибу шайдои адабиёти оламгир, шеъру суруд аст ва олиму орифест беназир. Хеле самимӣ, муаддаб, дар мубоҳиса шарти адаб риоят мекунад, мусоҳиби худро ботамкин мешунавад. Сарфи назар аз мансабу мавқеаш, бо ҳар ихлосманди адабиёт суҳбати доманадор меорояд. Бо таассуф гап мезад, ки вазъи танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ ноҷӯр аст ва дар сатҳи пасте қарор дорад. Мақсад дорад, ки марҳилаҳои нақди адабиёти ӯзбеку тоҷикро дар якҷоягӣ омӯзад. Ҳоло бо ин ният адабиёти заруриро ҷамъ оварда, саргарми мутолиаву таҳқиқ аст.

Ҷойи тазаккур ва тафохур аст, ки ҳар ду – нависандаи маҳбуб Эркин Аъзам ва муҳаққиқи жарфбин Обид Шофиев намоянда ва пайвандгари ду адабиёт ва халқанд. Нависанда осори адиби нотакрор, шодравон Саттор Турсунро бо маҳорати ба худ хос тарҷума кардааст. Инчунин нависандаи шуҳратёри тоҷик Саттор Турсун низ ҳанӯз солҳои 70-80-ум ба тарҷумаи ҳикояҳои Эркин Аъзам пардохта буд. Хусусан, аз байни ин маҷмӯи ҳикоёт ҳикояи «Ҷиян», ки моломоли кинояву тамасхур аст, соли 1973 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда, боиси дилбастагии ман ба эҷодиёти Эркин Аъзам гашта буд.

Ҳар гаҳе, ки сухан дар бораи Эркин Аъзам мерафт, адиби шуҳратёр Саттор Турсун ифодаи зеринро истифода мекард, ки аз он кас нисбати ягон адиби дигар ин эътирофро нашунидаам: «Эркин гарм менависад».

Соли 2021 ба муносибати 75-солагии Саттор Турсун нашриёти «Тамаддун» бо ташаббуси марди хайрандеш Олимҷон Давлатов маҷмӯи ҳикояҳои нависандаро бо номи «Охирин рӯзи тирамоҳ» интишор намуд. Дар он оварда шудани пешгуфтори саршори самимияту эҳтироми Эркин Аъзам бо номи «Бародари ҷонам Саттор» бо ду забон ба хонандагони тоҷик басо гуворост.

Баъди марги Нависандаи мардумии Тоҷикистон, сиёсатмадор, тарҷумони чирадаст Саттор Турсун Эркин Аъзаму Усмон Азим бо андӯҳи гарон озими шаҳри Душанбе шуданд. Он ҷо ба аҳли хонаводаи нависанда изҳори тасаллият намуда, дар қабристони «Лучоб» дар сари қабри бародари дардошнои худ Саттор Турсун ашки армону ҷудоӣ рехтанд. Баъдан ба зодгоҳи адиб – деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсун омада, ба бародаронаш изҳори ҳамдардӣ намуданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**




# ҲИКОЯТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ду-се рӯз аз ин миён гузашт, Кабк ба Боз тамоман бовар карда, далерона сухан мегуфт ва беибо қаҳ-қаҳа мезад. Боз ҳам худро ба ношуниданӣ зада, аз сари интиқом дармегузашт, аммо кинаи он дар синааш ҷо мегирифт.

Рӯзе Боз каме бемор шуд ва барои хӯрок аз ҷой ҳаракат карда наметавонист. Ҳама рӯз дар ошёна буд, чун шаб даромад, хеле гурусна монд ва кинаҳои Кабк, ки ба мурури замон ҷамъ шуда буд, Бозро хашмолуд сохт. Ҳарчанд аҳду паймонҳои гузашта ба хотираш меомад, аммо ҳеч ба ақлаш қабул намешуд ва барои хӯрдани Кабк баҳона меҷуст. Кабк осори ғазаб дар башараи ӯ мушоҳида намуда, ба ақлу хирад ҳалоки худро медид ва оҳи сард аз дили пурдард кашида, ба худ гуфт: «Дареғ, ки аз аввали ҳол назар ба поёни кор наяфгандам ва ба ғайри ҷинси худ пайвастам. Бинобар ин, киштии умрам имрӯз ба гирдобе дарафтода, ки маллоҳи тадбир аз халоси он оҷиз аст».

Боз бошад, чанголи озор кушода ва минқори хунхор ба заҳри ситам об дода, баҳонаҷӯйӣ мекард. Кабк аз рӯйи эҳтиёт риояти одоб менамуд ва аз ин сабаб баҳонае барои Боз пайдо набуд. Охируламр Боз бетоқат шуда, аз рӯйи асаб ба Кабк гуфт:

— Оё раво бошад, ки ман дар офтоб бошаму ту дар соя нишинӣ?

Кабк гуфт:

— Ай амири ҷаҳонгир, ҳоло шаб аст ва ҳама оламро сояи зулмат фурӯ гирифта, шумо аз тоби кадом офтоб ба заҳматед ва ман дар сояи чӣ чиз истироҳат дорам?

Боз гуфт:

— Ай беадаб, маро дурӯғгӯй месозӣ ва сухани маро рад мекунӣ, сазои туро додан лозим аст. Инро гуфту Кабкро аз ҳам дариду хӯрд.

***

Ин масал барои он овардам, ки ҳар кас бо ғайри ҷинси худ ва бо каси бовар надоштааш рӯзгор гузорад, монанди Кабки дарӣ шавад.

# БАЧАМАРД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Он солҳо, одатан зиёиёни Тошканд дар майдони назди меҳмонхона гирдиҳамоӣ ё вохӯрӣ ташкил мекарданд. Дар як вохӯрӣ шоири бобрӯе ба Бачамард 25 рубл (сӯм) дароз мекунад. Бачамард, ки забони ӯзбекиро хуб медонист, пулро гирифта мегӯяд: «Бисёр кам». Шоир аз кисааш 25 сӯми дигарро бароварда, ба ӯ дароз карда мегӯяд: «Ин мардак кисабур не, балки кисабин будааст, пулҳои дар киса бударо мисли рентген мебинад» ва боз 10 сӯм ба ӯ дароз мекунад.

Бачамард дар пеши чашми шоир он 60 сӯмро ба заноне, ки дуртар аз меҳмонхона писта ва қурутфурӯшӣ мекарданд, тақсим мекунад.

– Агар медонистам, – мегӯяд шоир, – ба пулҳои додаам ин қадар «беҳурматӣ» мекунед, ягон тин намедодам. Бачамард ба ӯ бо суханони Навоӣ чунин посух медиҳад: «Пул додан ба чунин одамон, баробари таъмир кардани Каъба мебошад...»

Солҳои охирини умри худ Бачамард сардори пункти қабулкунии пахтаи маҳиннах дар ноҳияи Чилликул буд. Бо «усули ленинии ҷамъоварии пахтаи маҳиннах» сарукор дошт. Пули чунин ҷамъоварӣ бо кадом «лӯлаҳо» ба буҷети давлат мерафт, ҳеч кас намедонист.

Аввали солҳои ҳаштодум Бачамард дар ноҳияи Чилликул ин оламро дар синни 70 падруд мегӯяд. Ӯ дар таърихи мардуми он аҳд ҳамчун Робин Гуди тоҷик ном бароварда буд.

Имрӯзҳо ба дидани маркади «В.И.Ленин – Бачамард» имконият надорам. Шояд дар санги қабри ӯ навишта бошанд: «Робин Гуди тоҷик, ё Бачамард». Ҳеч чиз нанавишта бошанд ҳам ҷойи гила нест.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

***Яке аз шоирони боистеъдоди ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон — Хоҷа (Норхоҷа Чориев) чанд сол аст, ки дар Самарқанди қандманд дар баробари бори зиндагӣ бори эҷодро низ бар дӯш дорад.***

***Намунаи шеърҳои ӯ дар маҷмӯаҳои дастаҷамъие зери номҳои «Боғи бисёрдарахт», Теҳрон, соли 2004; «Аз Самарқанди чу қанд», Теҳрон, соли 2005; «Намунаҳои шеъри Ӯзбекистон», Порис, соли 2006; «Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон» (қарни бистум то кунун), Теҳрон, соли 2005; «Форсисароёни Ӯзбекистон», Теҳрон, соли 2010; «Гулистони адаб», Тошканд, соли 2007 ва ҳоказо чоп шудаанд.***

***Дафтари шеърҳояш: «Паёме аз жарфои сукут», Самарқанд, соли 1997, «Муҷассамаи ишқ», Самарқанд, соли 2003, «Паёме аз жарфои сукут ва шеърҳои дигар», Теҳрон, соли 2021, «Аз ишқи ту то ишқи Ҳақ», Самарқанд, соли 2022.***

***Шоир дар баробари таълифи шеър бо навиштани мақолаву асарҳои илмӣ низ машғул аст.***

***Инак, мо тасмим гирифтем, ки ба алоқамандони каломи бадеъ се ғазали ба тозагӣ эҷодкардаи шоири дақиқназарро барои баҳрабардорӣ пешниҳод намоем.***



**ХОҶА**

## ҒАЗАЛИ ДАРЁ

*Биё бо ту нишинам лаҳзае дар соҳили дарё,*
*Ки як дам бо ту рози дил бигӯям бо дили дарё!*

*Канори оби дарёи равон хуш рангу бӯ дорад,*
*Равони тоза афзояд ба дил обу гили дарё!*

*Ба мадду ҷазр аз худ меравад берун ба бесӯӣ,*
*Намоён нест дар гетӣ қарору манзили дарё!*

*Ба қаъри оби софаш марвариди ишқ мерахшад,*
*Бувад лабрез аз ганҷи ҷавоҳир маҳмили дарё!*

*Маро шеъри хуш аст оби равони поки дарёҳо,*
*Ки рӯшан мешавад аз он чароғи маҳфили дарё!...*

## ОҲАНГИ РОЗИ ШАРШАРА

*Як лаҳза мехоҳам нишинам дар ҳавои шаршара,*
*То бо ту он дам бишнавам аз дил навои шаршара.*

*Оҳанги рози рез-резаш бар булӯри мағзи ҷон*
*Боди фараҳ афзояд аз худ чун давои шаршара.*

*Аз савти рӯҳафзои он як ҷони тоза медамад*
*Дар синаи ошиқ бувад акси садои шаршара.*

*Шаб то саҳар мерезад аз кӯҳи баланде сарбазер:*
*Як гӯши ҷоне нашнавад рози нидои шаршара.*

*Аз ҳайрати рози ниҳон он дам, ки маҳваш гаштаӣ:*
*Рамзе шунав аз ранги беранги сафои шаршара.*

## ДАР РАҲИ РОСТ БОШ

*Мекашам аз ҳайрати ойина берун обро,*
*Решаи ҳайрат бувад дар ҷон насими нобро.*

*Гавҳари худро шиносу рӯ ба сӯйи ишқ кун,*
*То шиносӣ рози асли ҷавҳари ноёбро.*

*Одам оҳанро намуд обу ҳазорон ранг рехт,*
*Ишқи ту омӯхт дар дил рамзи печу тобро!*

*Саҳл машмар ин макону саҳл магзар аз замон,*
*Кард бояд аз нигоҳи худ парешон хобро!*

*Дар раҳи Ҳақ рост бошу рост бину рост рав,*
*Ҷавҳари ҳайрат падид ояд дили аҳбобро!*

# БО ЗАБОНИ РАНГҲО



Толори намоишгоҳи маҳсули дастони муъҷизаофари Муҳаммадӣ Чоршанбиев – узви Академияи рассомони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Иттиҳодияи ҳунармандони вилояти Қашқадарё дар як гӯшаи хонаи падариаш, ки воқеъ дар деҳаи Ғелони ноҳияи Шаҳрисабз аст, ташкил ёфтааст. Ин толорро ҳамасола аз шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар меҳмонони зиёде тамошо мекунанд ва аз ҳунари худододи мусаввир завқ мебаранд.

Тоблуҳои андозаашон гуногун, ки аз маҳсули мӯқалами сеҳрофарини Муҳаммадии рассом мураттаб гардидаанд, рӯйи девор бо низом чида шудаанд. Онҳо аз манзараҳои нотакрори деҳаи Ғелон, таърихи мозиву имрӯзи он бо забони рангҳо ҳикоят мекунанд. Нигоҳи чашмони ман аз як тасвир ба тасвири дигар мелағжад. Ниҳоят як тасвирнигора ҳуши маро рабуд...

Оби зулоли рӯди шӯхе гарданкашон ва бо шитоби ҳарчи бештар ба ҷониби ҳамвориҳо ҷорӣ мегардад. Уштурҳои ҳомили бор чашмони ба ҳарос моилашонро гоҳ ба талотуми об, гоҳе ба тахтапули ларзон дӯхта, чида-чида қадам мегузоранд. Садои нолиши болору вассаҳои пул ваҳме дар дили онҳо андохтааст. Уштурҳо аз ғулғули дарёи хурӯшон қадре тарсида, ногузир гӯшҳои худро сих кардаанд ва ин ваҳм онҳоро водор сохта буд, ки рагу пайи тани худро дарҳам кашанд ва дар эҳтиёти тамом ба самти муқобили рӯдхона роҳ гиранд. Боз дар ин мусаввара кӯҳҳои осмонталошро мебинам, ки гӯё намои бехатои азалан сарбаланд ва бовиқор будани тоҷикони кӯҳистонро илқо мекунад. Дар оғӯши он сангистонҳои мазбут пора-пора барфхонаҳо мавҷуданд, ки бабри дар каминро дар зеҳни кас зинда месозанд. Абри дар баландии он кӯҳҳои азим лангарандохта-чӣ? – амомаи мӯйсафедони баори ин деҳаанд гӯё...

– Ин як гӯшаи биҳиштосои деҳаи Ғелон аст, – аз нигоҳи пурсишҷӯи ман маънӣ чида, шарҳ медиҳад рассом, – дарёи Сафед ва туғёни он ба тасвир омадааст. Кӯҳи Сиёмро мебинед...

– Ин манзараро тасодуфӣ интихоб кардаед, ё..?

– На, бародар! Дар кори мо ба тасодуф роҳ масдуд аст. Ин хуб нест, ки ҳарчи пеш омад, сепояи худро рост бикунӣ ва дар тасвири он манзара оғоз. Дар интихоби манзара рассом набояд иштибоҳ кунад. Ҳамон гӯшае, ки вай мехоҳад ба тасвир кашад, аввал бояд худи мусаввирро такон диҳад, ба таҳрик оварад. Яъне бо дунёи ботинии ӯ ҷӯр гашта, садое аз қаъри замираш бархоставу ба ин шуғли латиф водор созад. Инро шояд ангезаи илҳом мегӯянд.

Аммо ба гуфтаи Муҳаммадӣ он чӣ рассом дар муҳити пуршӯри ҳаёт мебинад, шояд ба чашми каси одӣ намудор нагардад. Мусаввирон ба ҳар як шайъи атроф бо чашми дил назар партофта, аз он маънии наву бикр ва комилан ниҳонро берун мекашанд.

Унвони ин асари безаволро ман «Ҳаёт» гузоштам. Аммо дар толори намоишгоҳи мусаввир мусавварае нест, ки бо зиндагӣ, ҳаёти пуршӯри мардуми деҳа, табиати зебою дилфиреби кӯҳистони он тавъам набошад. Ба дунёи зебои мусаввир фурӯ рафтаву ин афкор дар зеҳни ман менишинанд: Дарёи хурӯшони кӯҳӣ, пули чӯбини ларзон, уштурҳои гаронбору соҳибони аз пешомади кори дунё бехабар... Ин ҷо дақиқан фалсафаи ҳаёт ниҳон аст! Дарё чист? – Ҳаёт, зиндагии мураккаби инсоният, ки дар талотум ҷорист. Пули ларзон чӣ маънӣ дорад? – як воситаест, ки инсон аз як соҳил ба соҳили дигар убур мекунад, ба гумони ғолиб, ҳамон пули Сироти маъруф аст! Аз гузаштани ин пул уштурҳо тарсе дар дил гирифтаанд, аммо фарзанди Одам ҳанӯз беғам аст...

Албатта, ин суратнигораро ҳар кас ба таври худ шарҳ медиҳад. Муҳим, асари санъат бояд бинандаи худро такон диҳад. Ба қалби ӯ чанг задаву водор созад, ки лаҳзаяке ба андеша равад. Мусаввири зӯр табиатро он тавр тасвир мекунад, ки бинанда натанҳо аз диданаш лаззат мебарад, балки хаёлан накҳати гулгаштҳои ба тасвиромадаро ҳис мекунад.

Агар амиқ андеша варзем, ифода намудани бӯй ва садо дар асари санъати тасвирӣ амрест муҳол ва дар чаҳорчӯби тасаввур намеғунҷад. Аммо аз тамошои асарҳои ин рассоми чирадаст кас ба ҳамон муҳити зинда меафтад ва ғулғули дарёи кӯҳӣ, хониши мурғони ҳаво, гуфтугузори одамон ба гӯшаш менишинанд, ҳатто вазидани бод ҳис шуда, бӯйи гулҳои худрӯ ба машомаш меоянд.

– Пас, ба мақсад расидаам, – аз андешаи ман чаманвор шукуфта фарох ханда мезанад мусоҳиби ман Муҳаммадӣ.

– Оё шумо дар ҳаёт фарди хушбахтед? – аз нишоти ӯ ба завқ омада пурсидам ман.

– Ба тасвираш сухан намеёбам – хеле хушбахтам! Ҳарчанд аз ғамҳо орӣ нест, як зиндагии шоистае дорам, ки тавъам ба шодиву сурур аст ва пояаш аз нони ҳалол рост шудааст. Нони ҳалол хӯрданро тасаввур кунед! Ин барои як ҳаёти беғубор хеле муҳим аст. Шогирдони ба ҷон баробаре дорам, ки имрӯз дар ҷодаи санъати тасвирӣ аз ман пешгомтаранд, пешрафтҳои беназири онҳо боиси таҳайюри мани устод шудаанд.

Бале, рассом шогирдони зиёде дорад. Вақте дар мактаби рақами 58-уми деҳа чун раҳбари маҳфили рассомон ва ҳаваскорон кор мекард, меҳри ин санъати баландро дар дили даҳҳо нафар аз хонандагон ҷой дод. Бисёранд шумораи онҳо... Аммо зиёдтар аз бист нафар шогирдони муваффақ дорад, ки имрӯз нозукиҳои ин пешаро омӯхтаву дар ҷодаи мусаввирӣ пайгирона заҳмат мекашанд. Шамсиддин Шерназаров, Суннатуллоҳ Садриқулов, Камолиддин Абдувалиев, Шариф Султонов, Улуғбеки Ғелонӣ, Илҳоми Абдувалӣ, Шариф Шанбиев аз зумраи мусаввироне мебошанд, ки тарбиятдидагони мактаби рассомии Муҳаммадӣ ҳастанд ва имрӯз Ғелонро берун аз он муаррифӣ мекунанд. Аксари онҳо Донишкадаи дизайн ва рассомии ба номи Камолиддини Беҳзодро хатм кардаанд. Аз ҷумла, Шариф Шанбиев пас аз хатми мактаби олӣ дар шаҳри Рязани Русия зиндагӣ дорад. Он ҷо ба касби мусаввирӣ машғул буда, чандин маротиба намоиши асарҳои худро дар толорҳои ин шаҳр доир намудааст, ки мардуми зиёде аз он баҳраманд ва мафтуни ҳунари рассомии ӯ гаштаанд. Шамсиддин Шерназаров рассом ва кулоли маъруф аст ва дар ин ҷода хеле пеш рафтаву узви Академияи рассомони кишвар шудааст. Вай дар Тошканд соҳиби мактаби худ аст ва дар соҳаи рассомию кулолӣ аз мутахассисони ангуштнамое ба ҳисоб меравад. Фарзандони фарзонаи Муҳаммадӣ низ аз роҳи падар гом бардошта, дар санъати тасвирӣ хеле рушд кардаанд. Духтараш Ҳанифабону нозукиҳои мусаввириро омӯхтаву асарҳои хеле дилнишин эҷод мекунад. Писари калониаш Ҷамшед Донишкадаи дизайн ва рассомии ба номи Беҳзодро хатм карда, ҳоло фаъолияти эҷодии худро дар пойтахт идома медиҳад ва ӯ узви Академияи рассомон маҳсуб меёбад. Айюб писари хурдии хонадон аст, ки мактаби рассомии Самарқандро фаро гирифта, дар ҷодаи санъати тасвирӣ хеле тавфиқ ёфтааст ва умедворем, ки яке аз рассомони номӣ хоҳад шуд.

Муҳаммадӣ як нафар аз фарзандони некноми деҳа аст, ки бо худомӯзӣ дар пешаи рассомӣ муваффақ гаштааст ва бо асарҳои мондагораш дар таърихи рассомии кишвар номи худро бо ҳарфҳои заррин навиштааст. Вай аз камназир ҳунармандоне аст, ки чун гули худрӯйи кӯҳистон сар ба боло кашида, истеъдоди худододаро бо заҳматҳои инфиродӣ сайқал додаву дар ҷодаи санъати тасвирӣ муваффақ гаштааст. Ин рассоми беунвон соли 1963 дар оилаи ҳунарманди маҳаллӣ – Усто Ниёз ба дунё омадааст. Падараш ба ҷуз хонасозӣ бо тарошидани қошуқу чумча, косаву табақ ва дигар асбобҳои рӯзгор, сохтани дутору думбура низ машғул буд. Ин хонавода қабат-қабат ҳама ҳунармандони асиле ҳастанд, ки Муҳаммадӣ насли сеюми сулола маҳсуб меёбад. Ба ҷуз рассомӣ, ки пешаи хеле дӯстдоштааш аст, касби аҷдоди бошарафи худро низ идома медиҳад ва хоса дар сохтани асбобҳои мусиқӣ, ҳунари кандакорӣ ва нақшофарӣ дасти баланде дорад. Дар давраҳои дӯстони ҳамдил кам-кам хиргоҳӣ карда, табъи ҳозиронро низ хуш мекунад. Аммо рассомӣ ҷону дили ӯст ва инро аз айёми хурдсолӣ фаро гирифтааст. Вай роиҷ тан гирифт, ки апааш Навбаҳор дар ҷодаи рассомӣ нахустустодаш мебошад.

– Навбаҳор мактабхон буд ва гуна-гуна расми гул, манзараи табиатро мекашид, ки устодони дабистон аз фанни саъати тасвирӣ ба аҳли синф чун вазифаи хонагӣ месупориданд. Дар тасвири гулҳо маҳорати тамом дошт. Вақте апаам гулҳоро тасвир мекард, ба назари мани он вақтҳо хурдсол ҳатто бӯйи хуши онҳо ба димоғам менишастанд. Мани чорсола мафтуни санъати ӯ шуда, соатҳо аз мусавварҳои кашидааш чашм намекандам. Он олами зебо дунёи мани ҳануз кӯдакро забт карда буд, – дар ҳаяҷон зикр мекунад рассом.

Аммо қисмат буд, ки ӯ дар ягон мактаби олӣ таҳсил надид, ташвишҳои зиндагии мураккаб орзуҳои ӯро фурӯ бурданд. Аммо вай дилмонда нагашт, мусаввириро ба таври худомӯз идома дода, асарҳои ҷолибе офарид ва чун дар намоишгоҳҳои мӯътабар ба маърази тамошо гузошт, мусаввирони номӣ дидаву ангушти ҳайрат газиданд. Ин рассоми худрӯро соли 2010 ба узвияти Академияи рассомони ҷумҳурӣ пазируфтанд. Вай солҳои 2009 ва 2016 бо писараш Ҷамшед дар Тошканд намоишгоҳи осори худро ташкил намуд, ки дар байни рассомони кишвар шӯре ангехт.

Имрӯз ӯро барҳақ асосгузори «Мактаби рассомии Ғелон» меҳисобанд. Мо дар байни асарҳои ӯ портретҳои зиёдеро мебинем, ки ба осиёбон, дуредгар, хуллас ба ҳунармандони ин деҳа мансуб мебошанд. Чеҳраҳои ин мардони дар пешаи худ нодир басо табиӣ ва дилнишин ба тасвир омадаанд. Аммо рассом солҳои охир аз чеҳранигорӣ канор рафтаву ба тасвири олами табиат рӯй овардааст ва дар ин самт хеле пешрафт карда, кунун ба яке аз мусаввирони манзаранигори муваффақе мубаддал гаштааст. Вай мегӯяд, рассом бояд ошиқи рангҳо бошад, онҳоро чун торҳои рубоб ҷӯр созад. Бояд ҳис кунад, ки рангҳо ҳам «гарм» мешаванду «сард» ва ғолибона забон доранд, як вуҷуди зинда буда, зиндагиро ба хости мусаввир ҷилои дигар мебахшанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

## «ПАЁМИ РӮЗГОРИ БОСАФО»

*Бо садои нарми модар мешавад оғоз,*
*Ҳар субҳи ман: «Бархез аз хоби ноз».*
*Рӯзи навам бо паёмаш дорад навиде:*
*«Бархез барвақт, зиндагӣ дорадат овоз!»*
*Дар осмони орзуи тахайюл мекунам парвоз,*
*Орзуро дар оинаи хаёл медиҳам пардоз:*
*«Ки рӯзе мерасад, зиндагиро мекунам эъҷоз,*
*Аё ранҷдида модар, матлабатро мекунам эъзоз».*
*«Сапедаи субҳ медамад» – овоз мерасад боз,*
*Андешаҳоро ҷамъ мекунад дар оинаи роз.*
*Насими субҳгоҳон меоварад роиҳаи хуш,*
*Булбул ба наво бо модарам гардида ҳамовоз.*
*Аввал ҳаётро ва модарро медиҳам салом,*
*Ӯ саломи хешро медиҳад дар ҷойгаҳи ниёз.*
*Ин салом паёми рӯзгори босафои ман аст,*
*Ягона орзуям ҷовид бошад ин овози дамсоз.*

**Қосими ҲУСЕЙН.**

# НАВИСАНДА ВА НАҚДИ АДАБӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар он дидору мулоқот Эркин Аъзам изҳор дошта буд, ки ҳоло бисёр мутаассифам, ки чаро дар вақташ ба аёдати он азиз нарафтам. Вақте Саттор Турсун бемори бистарӣ буд, Шоири халқии Ӯзбекистон Усмон Азим даъват кард, ки ҳамроҳ ба аёдати устод равем. Аммо мани бандаи шири хомхӯрда аз сабаби надоштани шиносномаи (паспорт) хориҷӣ таъхир кардам, ки аз он сахт дар хиҷолату таассуфам. Чаро зудтар кӯшиши шиносномаи хориҷӣ гирифтан накардаам? Фақат таскин он аст, ки ба ҷанозаи ин марди шариф саривақт расида, ба тобуту маркадаш сар монда, сахт гиристам, то ҳадде, ки оби дидаҳоям хушк гардиданд. Ашки ҳасрату армонҳо, ашки ёдҳо, ашки дардҳою хотираҳо, боз ашки кадом дардҳои аёну ноаён.

Дарвоқеъ, Саттор Турсун нависандаест, ки нисбати ноҷӯрии танқиди адабӣ бо навиштани мақолаҳои алоҳида андешаҳои худро баён намудааст, аз «ҳукми» баъзе мунаққидон нисбати эҷодиёти нафақат худаш, балки тамоми адибон бо ҷасорати хоса ибрози ақида кардааст. Ин нукта хусусан, дар мақолаи «Мунаққиде нест беҳтар», эссеи «Қадри сухан» бо ҳисси масъулиятшиносӣ нисбати нақди адабӣ ва фардои он иншо шуда буд. Ӯ ҳанӯз соли 1981 дар эссеи «Қадри сухан» дар бораи муносибати мунаққиду нависанда ин тавр гуфта буд: «Пӯшида нест, ки барои нависанда фикри мунаққид, алалхусус, ҳукми нахустини вай, чӣ қимате дорад. Бинобар ин, мунаққид ҳам дар муҳити адабӣ ва ҳам дар пеши халқ шахси масъул аст. Пас баҳое, ки вай ба асарҳои бадеӣ медиҳад, аз ҳар ҷиҳат бояд ҳаққонӣ бошад».

Бо эътимод ва қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки кори анҷомдодаи мунаққиди ҷавони умедбахш Обид Шофиев – «Бадеияти насри Эркин Аъзам» (киноя ва образ) мутобиқу мувофиқи талабҳои ба боло овардаи нависандаи дардошно Саттор Турсун таълиф шудааст.

Ба васлгари дилҳою адабиётҳо, муҳаққиқи жарфбин Обид Шофиев, нависандаи зарофатгӯ Эркин Аъзам тансиҳатию хонаободӣ таманно дорем.

**Салом АТОЕВ,**
*ноҳияи БОЙСУН.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4575. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.